




Санаи 3-апрели соли 2021 тахти сарварии раиси нохияи Зафаробод Ашурзода Рачаб Рӯзӣ як гурӯх сокинони нохияи Зафаробод дар хайати собикадорони мехнат, рохбарони ташкилоту муассисахо, кишоварзон, сохибкорон, табибон, омӯзгорон, вакилони халк, аъзоёни ХХДТ ва намояндагони касбу кори гуногун чихати боздид аз раванди корхои ободонӣ ва мулокот бо сокинони сарбаланди Ворухзамин ба ин минтакаи бихиштосои Точикистон омаданд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз дар минтакаи Ворухи шахри Исфара корхои ободонӣ ва созандагӣ ба хотири тачлили шукӯхманди 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон бо маром идома ёфта, аз чониби сохтмончиён ва сокинони бунёдкори ин диёр бинохои муассисаи таълимӣ, касри фарханг, мачмааи варзишӣ, майдони парчам ва даххо иншооти мухим бунёд ёфта, роххо обод мешаванд. Дар хочагихо корхои кишоварзӣ хуб ба рох монда шуда, богхои нав бунёд мегарданд. Сокинон рухияи идона доранд.

Намояндагони нохияи зафарманди Зафаробод аз хар як иншоот ва раванди муваффаконаи корхои ободонӣ шинос шуда, бо сокинони ватандӯст ва бонанги Ворухи бостон мулокоти хотирмон анчом доданд.

Дар сӯхбатхо кайд гардид , ки Ворух сарзамини ачдодии точикон махсуб ёфта, дорои

таърихи кадим ва бо фарзандони далеру барӯмандаш ифтихори Точикистон мебошад.

Гурӯхи намояндагии нохияи Зафарobод аз номи тамоми мардуми захматкарини нохия ворухиёнро таъкид доштанд, ки зафарободиён хамеша дар пахлӯи онхоянд ва медонанд, ки Ворух пораи хоки Ватан ва гӯшаи чудонопазири Точикистон мебошад.